**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

735140, ш.Душанбе, к.Шевченко, 39,
*тел.: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94,*
koa@vak.tj, www.vak.tj

№06/398 аз «03» 05 соли 2024
Ба № _____ аз «___» ___________ соли 202_

Ба омӯзгори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
Саиднуриддинзода Аҳлиддин
Тел.: (+992) 918 48 40 48

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба аризаи Шумо иттилоъ медиҳад, ки бо қарори Раёсати Комиссия аз 29 сентябри соли 2022, №7 диссертатсияҳои довталабони бо сабабҳои гуногун аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия радшуда, дар сурати мавҷуд будани хоҳиши довталаб ҷиҳати ҳимоя дар шуроҳои диссертатсионии миллӣ мавриди омӯзиши экспертони холиси Комиссия қарор мегиранд.

Аз ин рӯ, бо қарори Раёсати Комиссия дар асоси хулосаи Шурои экспертии самти илмҳои Таҳсилот (аз 22 апрели соли 2024, №5) барои ҳимояи диссертатсияи Шумо дар мавзуи «Масъалаи тарбияи ватанпарастии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо риояи қатъии муқаррароти Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иҷозат дода шуд (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2024, №5).

Замима: иқтибос аз қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2024, №5 дар ҳаҷми 1 саҳифа.

Раис Давлатзода С.Х.